УДК-33Т
ББК-65.9(5т)
М65

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҚТИСОДИЁТИ ЭҲСОНКОРӢ: МАФҲУМ, МӮҲТАВО ВА ТАСНИФОТИ ОН

***Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна*** - *муаллимаи кафедраи назарияи иқтисодӣ МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, e-mail: lubamirboboeva25@mail.ru*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ БЛАГОТВОРИТЕЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ: КОНЦЕПЦИЯ, СОДЕРЖАНИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ

***Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна*** - *преподаватель кафедры экономической теории ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: lubamirboboeva25@mail.ru*

# THEORETICAL BASIS OF A CHARITABLE ECONOMY: CONCEPT, CONTENT AND CLASSIFICATION

***Mirboboeva Matlubahon Ibraimhonovna*** - *Lecturer at the Department of Economic Theory SEI «Khujand State University named after academician B.G.Gafurov» (Tajikistan Republic, Khujand), e-mail: lubamirboboeva25@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *фаъолияти эҳсонкорӣ, фаъолияти хайриявӣ, саховатмандӣ, соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, соҳибкорони саховатпеша.*

*Фаъолияти эҳсонкорӣ чун ниҳоди иҷтимоӣ-иқтисодӣ раванди аз нав тақсим кардани захираҳои моддӣ, ғайримоддӣ ва маблағҳои пулии шахсони алоҳида ва ташкилотҳо ба манфиати субъектҳое мебошад, ки дар вазъияти бӯҳронии аз доираи меъёрҳои муқаррарии ҳаёт берун қарор доранд, ё ба манфиати субъектҳое мебошад, ки дастгирии онҳо ба эҷоди меъёрҳои боз ҳам баландтари ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии тавассути хизматрасонии эҳсонкорӣ амалӣ карда мешавад.*

***Ключевые слова:*** *благотворительная деятельность, безвозмездная помощь, социальные сферы услуг, предприниматели-благотворители .*

*Благотворительная деятельность как социально-экономический институт - это процесс перераспределения материальных, нематериальных и денежных ресурсов физических лиц и организаций в интересах субъектов, находящихся за пределами нормальной жизнедеятельности в кризисной ситуации, или в интересах субъектов, поддерживающих создавать еще более высокие стандарты личной и общественной жизни с помощью благотворительных услуг.*

***Key words:*** *charity, generosity, social service, charity entepreurs.*

*Charitable activity as a socio-economic institution is the process of redistribution of material, intangible and monetary resources of individuals and organizations in the interests of entities outside normal life in a crisis situation, or in the interests of entities supporting the creation of even higher standards of personal and public life with through charitable services.*

Фаъолияти эҳсонкорӣ дар ҷомеаи муосир падидаи то ҳол пурра таҳқиқнашуда ва мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Дар раванди таҳаввули таърихии худ фаъолияти эҳсонкорӣ шаклҳои мухталиф, оғоз аз эҳсонкорӣ, васоят ва парастории ҷамъиятӣ то низоми муташаккили ҳифзи иҷтимоӣ дар омезиш бо намудҳои гуногуни фаъолияти эҳсонкории ҷамъиятӣ ва хусусӣ паси сар кардааст.

Адам Смит дар таълифоти худ «Назарияи эҳсосоти ахлоқӣ» дар бораи эҳсонкорӣ чунин қайд кардааст: «Муҳаббат ва хайрхоҳӣ, на камтар аз адолат барои мавҷуд будани ҷомеа зарур ҳастанд. Бидуни ирғоду доияи ибтидоӣ ҷомеа наметавонад рушд кунад, гарчанде ки он метавонад вуҷуд дошта бошад, ҳамзамон ҳукмфармо гашатни беадолатӣ онро ҳатман нобуд

менамояд. Гарчанде ки табиат моро ба амалҳои хайру саховатмандона бо интизориҳои гуворои мукофот ташвиқ мекунад, табиат ҳеҷ гоҳ моро маҷбур намекунад, ки онҳоро бо тарс аз ҷазо иҷро кунем, агар мо хайрхоҳона ва саховатмандона амал накунем. Фазилатҳои эҳсонкорӣ бинои ҷамъиятиро зебу ороиш медиҳанд, аммо таҳкурсии он хизмат намекунанд: шумо метавонед ба онҳо ҳидоят кунед, ки пайравӣ кунанд, аммо маҷбур карда наметавонед»[1].

Т.Малтус ва Д.Рикардо низоми қонунҳоро дар бораи камбизоатон барои он мавриди танқид қарор доданд, ки ин низом ба бозори озод таҳриф меандозад. Ба ақидаи онҳо, масалан, қонунҳои мазкур қисмати шахсони бемулоҳиза ва бехирадро ҳавасманд гардонда, меҳнатдӯстон ва мулоҳиазорро аз қисми даромад маҳрум мекарданд [2].

Ҷ.С. Милл дар китоби худ “Асосҳои иқтисоди сиёсӣ” як навъ “қоидаи амалгароёнаи эҳсонкорӣ”-ро таҳия кардааст: “Агар кӯмак тавре расонида шавад, ки вазъияти шахси қабулкунандаи он аз мавқеи шахсе, ки бе он вуҷуд дошт кардааст, бадтар набошад ва агар, бар замми ин, ба ин кӯмакро пешакӣ умедвор буданд, он (кӯмак) зарар меорад; аммо агар кӯмак барои ҳама дастрас бошаду ин кӯмак шахсро ҳадди имкон бе он зистанро ҳавасманд менамояд, дар аксар ҳолатҳо кӯмак муфид аст”. [3].

Ба ақидаи И.Бентам, хайрхоҳии таъсирбахш аз хайрхоҳӣ бо лаззати мусбӣ ё ҳамроҳ лаззатро эҳсоскунанда ва хайрхоҳии манфӣ ё худдорӣ аз озор додани дигарон иборат аст. Ҳамзамон, он хайрхоҳиро ҳамчун кӯшиши содир кардани кирдорҳо дарк мекунад, некӯаҳволии иҷтимоиро ҳамчун маҷмӯи некӯаҳволии шахсони алоҳида муайян мекунад [4].

Тибқи ақидаи М.Вебер, ки капитализм аз одоби протестантӣ сарчашма мегирад, ки дар он яке аз сифатҳои олӣ эҳсонкорӣ маҳсуб мешавад. Эҳсонкорӣ ҳамчун неъмати бузург ва имконияти наҷот барои одамоне, ки умедашонро гум кардаанд, баҳо дода мешуд.

А.Пигу дар асоси қонуни камшавии фоидаи ҳадди ақал чунин муқарраротро пешниҳод кард, ки интиқоли қисми даромад аз сарватмандон ба камбағалон некӯаҳволии умумиро зиёд менамояд[5].

Т.Веблен андеша дошт, ки ғамхорӣ ба наздикон (ҳиссиёти волидайн), на зиёдшавии фоида намуди умумии иқтисодро ташаккул медиҳад. Инчунин Т. Веблен изҳор мекунад, ки дар эҳсонкорӣ ҳам ангезаҳои инсондӯстӣ ва ҳам худпарварӣ омезиш меёбанд”.

Тибқи ақидаи Ҷ. Роулс, бадбахтии як инсонро бо хушбахтии тахайюлии тамоми ҷомеа дар маҷмӯъ ҷуброн кардан ғайриимкон аст. Ӯ ду маҳаки адолатро ҷорӣ мекунад, ки дар асоси он шахсиятҳои алоҳида барои сохтани ҷомеа розӣ хоҳанд шуд, ки: 1) ҳар як шахс бояд нисбат ба нақшаи васеи озодиҳои асосии баробар, ки бо нақшаҳои монанди озодиҳо барои дигарон мувофиқат кунанд, ҳуқуқҳои баробар дошта бошад; 2) нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд тавре таҳия карда шавад, ки аз онҳо интизории афзалият гирифтани ҳама оқилона бошад ва расидан ба мақом ва мансабҳо барои ҳама дастрас бошад. Бо суханони дигар, тибқи ақидаи Ҷ.Роулс, некӯаҳволии ҷамъиятӣ таваҷҷӯҳ ва манфиати ҷомеаро ба зиёд кардани фоидаи инфиродии узви нисбатан камбизоати ҷомеа пешбинӣ мекунад.

Аммо, аз ҷониби баъзе олимону ашхос эҳсонкориро ба сифати худфиребӣ меабул мекарданд. Нуқтаҳои назари тундгаро пайдо шуданд, ки мувофиқи он эҳсонкорӣ амали бемаъно ва нишонаи ахлоқи паст аст (марксизм, утилитаризми фалсафӣ) [6].

К.Маркс ва Ф.Энгелс, П.Лафарг андеша доштанд, ки ивазшавии низоми иқтисодӣ боиси он мегардад, ки гадоҳо умуман вуҷуд нахоҳанд дошт ва аз ин рӯ, дар фаъолияти эҳсонкорӣ зарурат намемонад [7], [8].

Р.Г. Апресян қайд мекунад, ки агар эҳсонкорӣ боиси ба нонхӯр мубаддал шудан мерасонад, маҳкум карда мешавад, аммо вақте ки он ба самти муҳим будани инкишофи шахсӣ ва иҷтимоӣ, мустақилона қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсии инсон нигаронида шуда бошад, ҳамчун эҳсонкорӣ эътироф карда мешавад [9].

Мафҳуми “эҳсонкорӣ”-ро дар бештари мавридҳо муҳаққиқон дар баробари истилоҳи: “дастгирии иҷтимоӣ”, "ғамхории иҷтимоӣ", “шафқат” истифода мекунанд.

Л.А.Темникова қайд менамояд, ки эҳсонкорӣ як шакли махсуси дастгирии иҷтимоӣ мебошад, ки аз расонидани кӯмаки моддии ройгон ба шахсони ниёзманд иборат аст [10].

Ҳамин тавр, мо метавон ба хулоса омад, ки ба гуфтаи В.О. Ключевский мафҳуми эҳсонкорӣ “маънои хеле пурихтилофу баҳснок дорад ва соҳиби маънои хеле содда аст, ки акрият онро ба тарзҳои гуногун тафсир мекунанд ва ҳама яксон мефаҳманд” [11]. Эҳсонкорӣ метавонад ҳамчун як шакли кӯмак ба қишрҳои ниёзманди аҳолӣ тавсиф карда шавад, аз нуқтаи назари иқтисодӣ онро ҳамчун механизми аз нав тақсим кардани захираҳои молиявӣ муайян кардан мумкин аст.

Мафҳуми эҳсонкорӣ - ин доираи имконият барои татбиқи вазифаҳои муҳими иҷтимоии шахс ва ҷомеа мебошад, ки дар санги асоси он шафқат, қобилияти ҳамдардӣ изҳор кардан ва омодагӣ барои расонидани кӯмаки моддӣ ва дастгирӣ ба шахсони ниёзманд гузошта шудааст. Фаъолияти эҳсонкорӣ ин амали иҷтимоӣ мебошад, ки ҳадафи он расонидани кӯмаки дилхоҳ ба аъзоёни ҷомеа мебошад, ки бо ин ё он сабаб аз имкони бо талоши худ таъмин кардани шароити камтарини қобили қабул мувофиқи меъёрҳои иҷтимоие, ки дар ҷомеаи мушаххас қабул шудаанд, маҳруманд. Аз ҷумла ба сифати вазифаҳои иҷтимоӣ муаллифи ин ақида масъулияти аъзоёни ҷомеаро низ маҳсуб медонад.

Муродифи эҳсонкорӣ калимаи “филантропия” (аз забони юнонӣ, маънояш “инсондӯстӣ”) мебошад.

Ба андешаи Р.Г.Апресян, эҳсонкорӣ фаъолияти иҷтимоӣ, ба самти ва иҷтимоиёт равонашуда мебошад; ин фаъолияти иҷтимоие мебошад, ки дар ниҳоят ба манфиати ҷомеа нигаронида шудааст.

Дар марҳилаи муосири рушди иҷтимоӣ ин шакли фаъолияти эҳсонкорӣ дар аксари кишварҳо вобаста аз сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо, ба низоми васеи маҷмӯавии кӯмаки иҷтимоии эҳсонкории давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ ба аҳолӣ мубаддал шудааст.

Инчунин эҳсонкориро ҳамчун расонидани кӯмаки моддӣ ба шахсони ниёзманд ҳам аз ҷониби шахсони алоҳида ва ҳам аз ҷониби ташкилотҳо баррасӣ карда мешавад. Эҳсонкорӣ инчунин метавонад ба ҳавасмандгардонӣ ва инкишофи ҳама гуна шаклҳои муҳими фаъолияти ҷамъиятӣ (масалан, ҳифзи муҳити зист, ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ) равона карда шавад.

Аз нуқтаи назари М.Н.Вандишев, Л.Е.Петрова, таърифи “эҳсонкорӣ” чун амали корхонаҳо оиди расонидани кӯмак ба шахсони ниёзманд мебошад, ки онро ҳам ба сифати маҷмӯи чорабиниҳо баррасӣ кардан зарур аст, ки масъулияти бахши тиҷоратро дар назди гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ таъмин мекунанд. Самти дорои дурнамо барои фаҳмидани амалҳои бахши тиҷоратӣ дар соҳаи эҳсонкорӣ муайян кардани дараҷаи огоҳӣ аз таъсири иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ ба вазъи корҳо дар корхона мебошад [12].

Фомин Е.А. ва Чикадзе Е.З. эҳсонкориро ҳамчун фаъолияти ройгони ғайридавлатии ихтиёрӣ дар соҳаи иҷтимоӣ муаррифӣ мекунанд, ки ба дастгирии шахсони алоҳида ё ташкилотҳое равона карда шудааст, ки бо ин ё он сабаб барои фаъолияти пурра захираҳои кофӣ надоранд, равона карда шудааст. Ҳамзамон, дастгирӣ дар заминаи муносибатҳои хешутаборӣ, ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва робитаҳои дигари шахсӣ расонидашаванда ҳамчун падидаи иҷтимоии эҳсонкорӣ баррасӣ намешавад.

А.Я.Некрасов эҳсонкориро ҳамчун ҳаракати умумиинсонӣ муайян кардааст, ки маҷмӯи амалҳои башардӯстонаи шахс, ташкилотҳо ва ҷамъиятҳоро дар бар мегирад.

Дар фаҳмиши муосир эҳсонкорӣ маънои расонидани кӯмак ба шахсони алоҳида ва ташкилотҳо, иштирок дар беҳтар намудани зиндагии беморон ва камбизоатон, шахсони нотавону ах ҳаёт ноком мебошад. Дар доираи ин фаҳмиш эҳсонкорӣ танҳо чун як падидаи иҷтимоӣ баррасӣ карда мешавад. Ин назари якҷониба аст, зеро эҳсонкорӣ барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ муносибатҳои иқтисодиро истифода мебарад, аз ин рӯ, эҳсонкориро танҳо чун фаъолият дар соҳаи иҷтимоӣ баррасӣ кардан кофӣ нест.

Тибқи ақидаи Е.А. Абросимова, эҳсонкорӣ - ин муҳаббати холисонаву беғаразона нисбати башарият мебошад, ки маъмулан тавассути таъсиси ниҳодҳои давлатӣ ё маблағи хайриявӣ барои кӯмаки муташаккил ва мунтазам ба шахсони мӯҳтоҷ ва нотавон зоҳир мешавад. Фаъолияти эҳсонкорӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:




Апресян Р.Г. ақида дорад, ки дар эҳсонкорӣ ҳама гуна ангезаҳо, аз ҷумла ангезаҳои татбиққунандаи манфиатҳои шахсӣ, ки тавассути он натиҷаҳои муҳими ҷамъиятӣ низ ноил мешаванд, иҷозат дода мешаванд.

Ба андешаи Храпилина Л.П., эҳсонкорӣ бояд ба ангезаҳое такя намояд, ки бо манфиатҳои тиҷоратӣ, ба даст овардани фоида омехта карда намешаванд.

Дар ҷомеаи муосир равандҳои тағйирёбӣ ва ба вуҷуд омадани иқдомҳои нави эҳсонкорӣ, ба вуҷуд омадани ниҳодҳо ва шаклҳои нави ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мураккабшавии сохтории арзиши иҷтимоии фаъолияти эҳсонкорӣ ба мушоҳида мерасад. Ин гуна тағйиротҳо бо равандҳои ҷаҳонишавӣ вобастаанд ва бо пайдо шудани таҷрибаи нав дар фаъолияти эҳсонкории ҷомеа, дигаргуншавии нақши давлат, бо табдилёбии сохторҳои пешинаи шакли ниҳодҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳаввули ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд ҳастанд.

Имрӯз намояндагони бахши тиҷорат ба фаъолияти эҳсонкорӣ нигоҳи мусбӣ доранд ва дар бештари мавридҳо аз расонидани кӯмак даст намекашанд. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки то ҳол амсилаи муайяни фаъолияти эҳсонкорӣ сохта нашудааст ва дар айни замон эҳсонкорӣ бештар навъи омехтаи амсилаи давлатӣ ва бозаргониро дорад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Смит А. Теория нравственных чувств / А. Смит. – [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.odinvopros.ru/lib/asmit_01.php?mode=1&id=0.
2. Bikmen F. The Rich History of Philanthropy in Turkey: a Paradox of Tradition and Modernity [Electronic resource] / F. Bikmen // Philanthropy in Europe: A Rich Past, a Promising Future. – Alliance Publishing Trust. – 2008. – С.226. – Mode of access: http://www.nef-europe.org/wp-content/uploads/2013/03/Philanthropy-in-Europe-A-rich-past-a-promising-future.pdf
3. Бризгалова В.А. Мировой опыт функционирования благотворительных фондов и его использование в России: Дис. … канд. Эконом. Наук. - Москва – 2018. – 227 с.
4. Bentham J. Deontology or The Science of Morality: in 2 Vol. / J. Bentham [ed. by J. Bowring]. – London: Longman, Rees, Orme, Browne, Green, and Longman. Edinburgh: William Tait, 1834.
5. Ольсевич Ю.Я. Всемирная история экономической мысли. Том 5 [Электронный ресурс] / Ю.Я. Ольсевич. – М.: Мысль, 1994. URL: http://www.booksite.ru/fulltext/eco/nom/iks/2.htm (дата обращения: 13 марта 2015 года).
6. Rawls J. A Theory of Justice / J. Rawls. – Massachusetts: The Belknap Press of Harvard University Press Cambridge, 1999.
7. Энгельс Ф., Маркс К. Манифест коммунистической партии [Электронный ресурс] / Ф. Энгельс, К. Маркс. URL: http://knigosite.org/library/read/27081 (дата обращения: 10 сентября 2016 года)
8. Лафарг П. О благотворительности. – В кн.: Этическая мысль: научно-публицистические чтения / П. Лафарг. – М.: Политиздат, 1988.

9. Апресян Р.Г. Филантропия: милостыня или социальная инженерия. [Электронный ресурс] / Р.Г. Апресян // Общественные науки и современность. – 1998. – №5. – С.51-60. – Режим доступа: http://ecsocman.hse.ru/data/886/915/1217/006Apresyan.pdf
10. Темникова Л.А. Благотворительность в контексте духовного развития общества. Калуга. 1996. с.21.
11. Ключевский В.О. Добрые люди Древней Руси / В.О. Ключевский. – М. Книга по требованию, 2011 – С.13.

REFERENCES

1. Smith A. Theory of moral feelings / A. Smith. [Electronic resource] Mode of access: http://www.odinvopros.ru/lib/asmit_01.php?mode=1&id=0.
2. Bikmen F. The Rich History of Philanthropy in Turkey: a Paradox of Tradition and Modernity [Electronic resource] / F. Bikmen // Philanthropy in Europe: A Rich Past, a Promising Future. – Alliance Publishing Trust. – 2008. – P.226. – Mode of access: http://www.nef-europe.org/wp-content/uploads/2013/03/Philanthropy-in-Europe-A-rich-past-a-promising-future.pdf
3. Brizgalova V.A. World experience in the functioning of charitable foundations and its using in Russia: Dis. ... Cand. Economic science. - Moscow - 2018 .- 227 p.
4. Bentham J. Deontology or the Science of Morality: in 2 Vol. / J. Bentham [ed. by J. Bowring]. – London: Longman, Rees, Orme, Browne, Green, and Longman. Edinburgh: William Tait, 1834.
5. Olsevich Yu.Ya. World history of economic thought. Volume 5 [Electronic resource] / Yu.Ya. Olsevich. - M .: Mysl, 1994. URL: http://www.booksite.ru/fulltext/eco/nom/iks/2.htm (date of access: March 13, 2015).
6. Rawls J. A Theory of Justice / J. Rawls. – Massachusetts: The Belknap Press of Harvard University Press Cambridge, 1999.
7. Engels F., Marx K. Manifesto of the Communist Party [Electronic resource] / F. Engels, K. Marx. URL: http://knigosite.org/library/read/27081 (accessed September 10, 2016)
8. Lafargue P. About charity. - In the book: Ethical thought: scientific and journalistic readings / P. Lafargue. - M .: Politizdat, 1988.
9. Apresyan R.G. Philanthropy: charity or social engineering. [Electronic resource] / R.G. Apresyan // Social Sciences and Modernity. - 1998. - No. 5. - S.51-60. - Access mode: http://ecsocman.hse.ru/data/886/915/1217/006Apresyan.pdf
10. Temnikova L.A. Charity in the context of the spiritual development of society. Kaluga. 1996. p.21.
11. Klyuchevsky V.O. Kind People of Ancient Russia / V.O. Klyuchevsky. - M. Book on demand, 2011 - P.13